**Тиҷорати озод – сиёсати беҳтарин**

Имрӯз сиёсати протексионизм ҳудудҳои худро торафт васеъ карда истодааст. Илова ба хатарнок ва бемаънӣ будани он, ин сиёсат дар даврони бӯҳрони иқтисодӣ бахусус харобиовар мегардад. Хусусияти хоси протекисонизм мумкин аст афзояд агар хукуматҳо хуқуқҳои монополиро ба истеҳсолкунандагони ватанӣ зиёд намоянд.

Лекин тавре таҷриба нишон медиҳад кори мазкур натиҷае надорад. Протексионизм фақрро тавлид менамояд, на инкишофро. Он на танҳо кору истеҳсолоти ватанӣ, балки харобокунандаи содироти маҳсулот ва истеҳсолоти навмеди воридот мебошад. Масалан, бо баланд бардоштани нархи пӯлод «бино бар ҳифозати» ширкатҳои маҳаллии истеҳсолкунандаи пӯлод нархи истеҳсоли автомашинаҳо ва дигар масолеҳи онро истеҳсолкунанда баланд мегардад. Протексионизм бозии афроди беандеша мебошад.

Лекин далели он ки протексионизм танҳо боиси камбизоатист, дуруст намебошад, чунки он сулҳу амниятро аз байн мебарад. Ин асоснокии кофӣ мебошад, ки тамоми мардуми некандеш ва дӯстони тамаддун оид ба миллатгароии иқтисодӣ ва ихтилофоти ғоявӣ ибрози ақида карда, тамоми таҷрибаи манфии протексионизмро асос биёранд.

Ду саду панҷоҳ сол муқаддам Монтескью ба чунин мушоҳид расид, ки «савдо офарандаи мусолиҳа ва оштии мардум аст. Ду миллати гуногун дар натиҷаи тиҷорат аз як дигар эҳтиёҷманд мегарданд, зеро ки харидор аз фурӯшанда вобастагӣ пайдо карда, иртиботи мутақобила таъсис меёбад».

Маҳсули аз ҳама арзандаи тиҷорат сулҳу амният мебошад. Савдо ба сулҳу амният мусоидат карда, мардумро бо фарҳанги ягонаи тиҷорат муттаҳид месозад. Раванди рӯзмарраи омӯзиши забони якдигар, меъёру анъанаҳои эшон, қонунҳо, анъанаҳо ва русумоти якдигар далели он мебошанд. Тиҷорат ба он мусоидат мекунад, ки одамон аз пайдо кардани манфиат дар ҳамкорӣ бо ҳам баракат ёбанд.

Танҳо тиҷорат манфиатҳои Парис ва Лион, Бостон ва Сиэтл, Калкутта ва Мумбаиро муттаҳид месозад. Он ҳамчунин манфиатҳои

Парис ва Портланд, Бостон ва Берлин, Калкутта ва Копенгаген ва дигар мардуми тоҷирро ба ҳам мепайвандад.

Он ки тиҷорат мусоидаткунандаи сулҳ ва созандагист меҳнати бунёдии илмӣ шоҳидӣ медиҳад. Шояд яке аз намунаҳои фоҷиабори рад кардани дарки ин воқеият ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бошад.

Тиҷорати байналмилалӣ дар давраи байни солҳои 1929 то 1932 то ба 70 % кам шуд ва сабаби назарраси он тарифффҳои гумрукии Смут-Ҳоулии қабулнамудаи ШМА дар соли 1930 ва тадбирҳои ҷавобии дигар давлатҳо мебошад. Иқтисоддон Мартин Волф мегӯяд, ки «чунин шикасти робитаҳои тиҷоратӣ боиси автаркия ва ғасби фазои ҳаётан муҳим бахусус дар Германия ва Япония гардид».

Оқибати ин амал ҷангҳои шадидтарин ва бераҳмона шуданд.

Тиҷорат хатари ҷангро рафъ карда, ҳаётро маҳфуз медорад.

Тиҷорат ҳамчунин тавассути таъмини рушд зиндагиро инкишоф медиҳад. Далели ин гуфтаҳо хеле зиёданд. Шукуфоӣ боиси ҳаёти муддавом ва саломати зану мард мегардад. Бо умри дароз ва солим мардуми ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамгироишуда вақти зиёд пайдо мекунанд, то аз маданияти ҳамдигар баҳрарманд шаванд, ки он ҳам ба шарофати тиҷорати озод дастрас мешавад. Аз баракати тиҷорати озод фарҳангҳо ғанитар мегарданд.

Бидуни шубҳа тиҷорати озод некуаҳволии моддиро низ афзун мегардонад ва ин тӯҳфа сирф бо пул арзёбӣ карда намешавад. Ва ҳадяи беҳтарин ҳаёти озод, зиндагии серу пур ва дур аз ҷангу ҷидол мебошад.

Мутобиқан, мо имзокунандагони ҳуҷҷати мазкур якҷоя бо ҳукумати тамоми миллатҳо муроҷиат менамоем, то ба даъвати ашхоси кӯтоҳандеш ва хасис ҷиҳати барафрохтани монеаҳо дар роҳи тиҷорати озод гӯш надиҳед. Зиёда аз ин даъват менамоем, ки монеаҳои имрӯзаи проексионистиро дар роҳи тиҷорати озод бартараф созанд. Ба тамоми ҳукуматҳо гуфтанием, ки бигзор шаҳрвандони шумо илова ба самараи боғҳои шумо, корхонаҳоятон ва маҳсули нобиғаҳои шумоён ҳамчунин аз самараю маҳсулоти тамоми ҷаҳон бархраманд гарданд. Мукофоти он нашъу намо, зиндагии серу пур ва хуррам хоҳанд буд.